# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич дар мавзӯи «Асосҳои педагогии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) (Хуҷанд: МДТ ДДХ ба номи акад. Б.Гафуров, 2022.- 23 саҳ.)**

Таҳқиқи муаммои такмили омодагии касбии омӯзгор дар заминаи тайёрии касбӣ аҳамияти аввалиндараҷа пайдо мекунад, зеро ба донишу маҳорат, фарҳанг, фаъолияти созмондиҳандаи педагогии ӯ, сатҳи соҳибмаълумотӣ ва камолоти насли наврас пайвастагӣ дорад. Муассисаҳои таҳсилоти умумии миёнаи муосир ба омӯзгор-мутафаккир, педагог-созмондиҳанда, педагог-муҳаққиқе, ки эҷодкорона фикр меронад ва технологияҳои муосири таълиму тарбияро аз худ намудааст, ниёз дорад.

Аз ин лиҳоз ба миён омадани рисолаи номзадии муҳаққиқи ҷавон Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич дар мавзӯи «Асосҳои педагогии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ » амали хайр ва иқдоми хеле муҳим буда, дар роҳи ҳаллу фасли яке аз масъалаҳои мубрами илми педагогикаи мо аҳамияти хоса дорад. Ин рисолаи пурмӯҳтаво ба омӯзишу баррасии қудрату қобилияти омӯзгорони оянда дар раванди дуруст ва бонизом ба роҳ мондани таҷрибаи омӯзгорӣ бахшида шудааст.

Аз фишурдаи рисола чунин бармеояд, ки рисолаи илмӣ аз муқаддима, ду боби ба ҳам алоқаманд, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима дар бобати аҳамияти мавзӯи мавриди таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, навгонии илмӣ ва дигар қисматҳои анъанавӣ ба таври мухтасар сухан меравад.

Ба гумони ғолиби унвонҷӯ таҳқиқоти махсус, амалия, мушоҳидаҳои эшон дар хусуси номувофиқатии ҷиддии сатҳи воқеии фаъолияти омодагии созмондеҳии касбию педагогии хатмкунандагони донишгоҳҳо ба талаботи муассисаҳои таҳсилоти умумии миёнаи муосир гувоҳӣ медиҳад. Ин «тезиси» муаллиф дар

рисола зимни таҳлили як қатор кору пайкори таҷрибаомӯзон дар мактабҳои муосир собит гардидааст. Ҷиҳати ҷолиб дар маврили арзёбӣ ин аст, ки дар солҳои охир таваҷҷуҳи муҳаққиқон ба рушди қобилияти созмондиҳии педагогҳои оянда афзудааст.

Мавзӯи баҳси боби аввали рисола ин аст, ки муҳаққиқ зимни таҳлили шакл ва усулҳои ташаккули қобилияти созмондиҳии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ барҷастатар зуҳур ёфтааст. Ӯ бо ин мақсад ҷанбаи фаъолияти донишҷӯёнро дар маҷмӯъ арзёбӣ мекунад, яъне ба ин падидаи том баҳои на танҳо ҷамъбастӣ, балки "интегративӣ" низ медиҳад.

Боби дувуми рисола, ки «Ҷанбаҳои озмоишии татбиқи технологияҳои педагогӣ оид ба инкишофи қобилияти созмондиҳии омӯзгориояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ» номида шудааст, масоили умдаи худтарбиякунӣ, ташкили фаъолияти донишҷӯён оид ба рушди қобилиятҳои созмондиҳӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ ба таҳқиқ омадааст. Муҳаққиқ дар натиҷаи омӯзиши раванди мазкур ба натиҷае расидааст, ки аксари донишҷӯён-таҷрибаомӯзон дар сатҳи зарурӣ ба малакаю маҳорати созмондиҳӣ соҳиб нестанд. Бо назардошти фарзияи тадқиқот муҳаққиқ фаъолияти донишҷӯёнро оид ба инкишофи маҳорати худиттилоъдиҳӣ, худдастурдиҳӣ ва интиқоли фикрию эмотсионалии онҳо, ки барои фаъолияти созмондиҳии онҳо муҳим аст, ташкил менамояд.

Воқеан, дар натиҷаи кори анҷомёфта оид ба ҳосил намудани маҳорати худиттилоъдиҳӣ донишҷӯён-таҷрибаомӯзон огоҳ шуданд, ки он дар низоми воситаҳои худтарбиякунӣ ва фаъолияти созмондиҳӣ нақши муҳим дорад. Дар рафти кори мушаххаси донишҷӯён ин воситаро аз худ намуда, барои гузаронидани чорабиниҳои тарбиявӣ бештар омода шудаанд.

Бинобар ин, ба донишҷӯён худдастурдиҳӣ, чӣ гуна рафтор кардан ва истифода бурдани воситаҳои тарбиявиро дар ин ё он вазъияти корҳои созмондиҳӣ омӯзонидан муҳим буд.

Дар охир хулоса ва натиҷагириҳои муҳаққиқ аз таҳқиқи ҷанбаҳои мухталифи кори созмондиҳии омӯзгорони оянда синфҳои ибтидоӣ дар шаш банд баён гардидаанд, ки комилан илмӣ ва мантиқӣ ба назар мерасанд.

Аз фишурдаи рисола метавон ба чунин натиҷа расид, ки муаллиф таҳқиқи мавзӯи мавриди назарро бо камоли фаҳмиш ва дар сатҳи шоистаи илмӣ ба сомон расонидааст. Ҳамчунин бояд ёдовар шуд, ки дар таълифи рисола таҳқиқоти илмии бунёдии олимони ватаниву хориҷӣ заминаи назарии пажӯҳиш қарор дода шудааст, ки ин аз дараҷаи салоҳияти илмию фаъолияти огоҳона ва муносибати ҷиддии соҳиби рисола ба таҳқиқоти илмӣ шаҳодат медиҳад.

Монография, фишурда ва мақолаву маърӯзаҳои (ҷамъ 21 номгӯ) чопшудаи муаллиф ба пиндори мо мӯҳтавои рисолаи илмиро ба пуррагӣ ифода мекунанд.

Муаллифи рисола шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогӣ мебошад.

Мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ,
н.и.п., дотсент ____________ Наимов Зариф Ҷомиевич
телефон: 918 65 71 94. Email naimov-zarif@mail.ru
26.08.2022
Суроға: 734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121.
Сомонаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ: www.tgpu.tj

Имзои н.и.п., дотсент Наимов З. Ҷ-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ ____________ Мустафозода К.